شهباز کبیراف، عظیم بیضایف

# الفبای نیاگان و متن ۴





ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ЭМОМАЛӢ РАҲМОНОВ

# МУРОҶИАТ
# БА ХОНАНДАИ КИТОБ

*Дӯсти ҷавони ман! Бидонед ва огоҳ бошед, ки китоб дар радифи Модар ва Ватан арзандатарин муқаддасот ба ҳисоб меравад. Тамоми бузургон, донишмандон ва хирадмандони гузаштаву муосир китобро яке аз беҳтарин арзишҳои зиндагӣ дониста, онро «аниси кунҷи танҳоӣ» ва «фурӯғи субҳи доноӣ» пиндоштаанд.*

*Китобе, ки дар даст доред, бо заҳмати ниҳоят зиёд аз чоп баромадааст. То дар ин шакли ниҳоят зебо ва мазмуни баланд ба дасти Шумо расидан муаллифон, ҳуруфчинон, рассомон, саҳифабандон ва ноширон ранҷи бисёре кашидаанд, маблағи зиёде сарф кардаанд. Бинобар ин ба қадри меҳнати онҳо расидан камоли боодобист. Китобро азизу муқаддас донед, чун гавҳараки чашм онро эҳтиёт намоед. Китобро бо шавқу завқи беандоза мутолиа созед, аз мундариҷаи он донишатонро афзун гардонед ва бомаърифату соҳибхирад шавед!*

*Бидонед, ки китобхониву китобдӯстӣ инсонро ҳатман ба қуллаи мурод мерасонад, мартабаашро дар ҷамъият баланд мебардорад, ӯро ҳимматбаланду қадршинос мегардонад. Эҳтиром ба Ватан, ифтихор бо Тоҷикистони азиз, дӯст доштани ҳар гӯшаву канори он аз дуруст мутолиа кардани китоб ва азбар кардани мазмуни матнҳои он ба даст меояд.*

*Ба Шумо, дӯсти ҷавони ман, дар роҳи омӯзиш, азхуднамоии арзишҳои бузурги инсонӣ муваффақиятҳо таманно дорам.*

*Бо эҳтиром,*
*Президенти Ҷумҳурии*
*Тоҷикистон*

*Э. Раҳмонов*

Шаҳбоз КАБИРОВ, Азим БАЙЗОЕВ

# АЛИФБОИ НИЁГОН
# ва МАТН

*******

## *А Л И Ф Б О*

# 4

# الفبای نیاگان

## الفبا

*Бо қарори мушоварави Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст.*

Душанбе - 2006

ББК 81.2АрабЯ72+74.261.7Араб
К-13
ISBN 964-05-1512-4

**Кабиров Шаҳбоз, Байзоев Азим**

**Алифбои ниёгон ва матн. Алифбо.** Китоби дарсӣ барои синфи чоруми мактабҳои тоҷикӣ. –Душанбе: 2006. 88 с.

**Kabirov, Shahboz; Bayzoev, Azim.**

**The Tajiki Classical Alphabet.** The textbook for the forth grade secondary school students. – Dushanbe: 2006. 88 p.

**کبیراف شهباز، بیضایف عظیم.**

**الفبای نیاگان و متن.** کتاب درسی برای صنف چارم. – دوشنبه، ۲۰۰۶ ، ۸۸ صحیفه.

| | |
|---|---|
| **Муҳаррир:** | **Сафаров Умар** |
| **Муқарризон:** | **Ҳасанов Абдуҷамол,** |
| | **Амонов Салоҳиддин** |
| **Ороиши компютерӣ:** | **Байзоев Эраҷ** |


**© Кабиров Ш., Байзоев А.**

**Шогирдони азиз!**

Алифбои ниёгон алифбоест, ки зиёда аз ҳазору дусад сол тамоми олимону адибон ва мутафаккирону таърихнависон асарҳои худро бо он эҷод намудаанд. Аммо аз сабаби надонистани алифбои мазкур мо аз он меросу ёдгориҳои фаровону арзишманд истифода бурда наметавонем.

Ин алифбо алифбои расмии бисёр кишварҳои исломӣ мебошад. Дар Тоҷикистони азизи мо низ, ба шарофати соҳибистиқлол шудан ва ба хотири пайвастан ба асли хеш, баъзе рӯзномаву маҷалла ва китобҳо бо он нашр мешаванд.

Бинобар ин, шумо - насли ҷавонро, киояндаи кишвар дар дасти шумост, зарур аст, ки ин алифборо аз худ намоед.

Дар назари аввал омӯхтану ёд гирифтани ин алифбо шояд душвор намояд. Лекин агар шумо бодиққат ва бо шавқу ҳавас ба омӯхтани алифбои ниёгон машғул шавед ва супоришҳои устодони худро сари вақт иҷро намоед, онро бе душворӣ аз бар мекунед.

Дар ин роҳ, шогирдони азиз, бароятон хониши аъло орзу мекунем.

*Муаллифон*

## Устодони гиромӣ!

Бар дӯши шумо масъулияти ҷиддӣ, вале бошараф вогузор шудааст. Воқеан, таълиму тадриси алифбои ниёгон дар марҳалаи кунунӣ, ки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва Вазорати маориф барои баланд бардоштани хештаншиносиву ҳувийяти миллӣ ва пайвастан ба асли хеш нигаронида шудааст, яке аз иқдомҳои расидан ба ин ҳадафи волову умда мебошад.

Бинобар ин, шумо - устодони арҷмандро лозим меояд, ки дар таълиму тадриси фанни мазкур бо масъулияти том ва дилгармии зиёд тамоми донишу истеъдоди худро ба кор баред, илова ба маводи китоби дарсӣ аз таҷрибаву қобилият ва маводи ёрирасон истифода намоед, усулҳои фаъоли таълимро самаранок ба кор баред, меҳру муҳаббат, шавқу ҳавас ва дилгармии шогирдонатонро нисбат ба ин фан бедор созед, то ки онҳо хастагиву беҳавсалагӣ зоҳир накарда, бо осониву дилгармӣ ин алифборо аз бар намоянд.

Дар ин ҷодаи пурифтихору масъулиятнок бароятон сиҳатмандиву комёбӣ таманно дорем.

*Муаллифон*

# Дарси якум

## Муқаддима

Шогирдони азиз! Китобе, ки дар даст доред, «Алифбои ниёгон» номгузорӣ шудааст. Оё медонед, ки барои чӣ онро «Алифбои ниёгон» меноманд? Калимаи «алифбо» аз синфи якум ва аз «Иди алифбо» барои шумо маълум аст, аммо калимаи «ниёгон» чӣ? Маънои калимаи «ниёгон», «аҷдод», «гузаштагон», «бобоён» аст. Яъне ин алифбои гузаштагону бобоёни мо мебошад. Барои ҳамин ҳам онро дар байни омма «Алифбои бобоӣ» ҳам меноманд. Бо ин алифбо бобову бобокалонҳои мову шумо дар тӯли асрҳо тамоми асарҳои худро эҷод намудаанд.

Бояд шумо донед, ки то алифбои ниёгон алифбои аҷдодии мо дигар, яъне аввал алифбои мехӣ (давраи Ҳахоманишиён) ва баъдтар алифбои паҳлавӣ (давраи Сосониён) буд. Лекин дар асри VIII, бо паҳн шудани дини ислом дар сарзамини ориёиён-форсизабонон алифбои арабӣ низ, чун асоси алифбои нави ниёгон қабул шуд. Дар он замон ҳатто кӯшишҳое шуд, ки ба ҷойи забони мо забони арабӣ ҷорӣ шавад, аммо ин кор муяссар нашуд, зеро нест кардани забоне, ки бо шири модар, бо аллаи модар дар ҷону

устухони инсон ҷо мегирад, кори хеле мушкил аст.

Пас, бароятон маълум шуд, ки аслан алифбои ниёгон алифбои арабӣ будааст. Алифбое, ки бо он «Қуръон»-и шариф, ҳадисҳои ҳазрати Муҳаммад пайғамбар (с) ва дигар асарҳои шоиру нависандагон ва олимону бузургони мо - Рӯдакиву Фирдавсӣ, Синову Ҳофиз, Саъдиву Ҷомӣ, Бедилу Дониш ва дигарон навишта шудааст. Яъне, аз ҳамон замон сар карда то соли 1929 ҳар чизе, ки бобову бобокалонҳои мо – ниёгонамон навиштаву эҷод намудаанд, бо ин алифбо буд. Соли 1929 ба ҷойи алифбои мазкур алифбои лотинӣ ва соли 1940 алифбои русиро (кириллиро) ҷорӣ намуданд, ки аз он то имрӯз мо – тоҷикон истифода мебарем.

Ҳамин тариқ, дар давоми зиёда аз 12 аср ниёгони мо бо алифбои арабӣ чӣ қадар асарҳо эҷод намудаанд, ки ин ганҷина мисли як баҳри беканор буда, мо аз он қатрае баҳравар шудаему халос. Акнун, ки мо дорои давлати мустақилу соҳибистиқлолем, бо давлатҳои ҳамзабону ҳамфарҳанги худ – Эрону Афғонистон муносибатҳои хубу дӯстона дорем ва аз ин кишварҳо китобу рӯзнома ва маҷаллаҳои гуногунро дастрас мекунем. Ҳамчунин дар

Тоҷикистони азизи мо ҳам рӯзномаву маҷалла ва китобҳо низ бо хатти ниёгон нашр мешаванд. Бинобар ин, барои аз тамоми ин асарҳо истифода бурдан донистани алифбои ниёгон барои мову шумо, шогирдони азиз, хеле зарур ва муҳим мебошад.

## Саволҳо:

1. *Барои чӣ ин фанро «Алифбои ниёгон» меномем?*
2. *Алифбои ниёгон чанд муддат барои мо хизмат кард?*
3. *Алифбои ниёгон кай ва чӣ хел дар сарзамини мо ҷорӣ шуд?*
4. *Кадом солҳо ва кадом алифбоҳоро мардуми тоҷик ба ҷойи алифбои ниёгон қабул карданд?*
5. *Барои чӣ алифбои ниёгонро меомӯзем ва таълими он чӣ аҳамият дорад?*

## Дарси дуюм

# Муҳимтарин хусусиятҳои алифбои ниёгон

Алифбои ниёгон аз 32-то ҳарф иборат мебошад.

Алифбои арабӣ 28 ҳарф дорад ва 28 ҳарфи алифбои арабиро мо–тоҷикзабонҳо қабул карда, ба он 4 ҳарфи дигар (ҳарфҳои **п,ж,ч,г**) илова кардем. Дар натиҷа, миқдори ҳарфҳои алифбои ниёгон (28+4=32) ба 32-то расид. Азбаски дар забони арабӣ овозҳои ***п,ж,ч,г*** вуҷуд надорад, бинобар ин дар алифбои арабӣ ҳарфҳои ифодакунандаи ин овозҳо низ нест. Аммо дар забони тоҷикӣ ин овозҳо вуҷуд дорад. Бинобар ин чор ҳарф дар асоси чор ҳарфи алифбои арабӣ (бе, зе, ҷим, коф) сохта шуд ва ба алифбои арабӣ илова гардид.

### Хусусиятҳои алифбои ниёгон:

- *Алифбои ниёгон, баръакси алифбои русӣ, аз тарафи рост ба чап (⟵) навишта мешавад.*
- *Дар алифбои ниёгон ҳарфҳо мисли алифбои русӣ шаклҳои калону хурд (масалан: Аа, Бб...) надоранд, вале шакли пурраву нопурра доранд, ки он дар вақти ҳарфҳоро омӯхтан нишон дода мешавад.*

- *Дар хатти ниёгон садонокҳои кӯтоҳи а, и, у дар мобайни калимаҳо бо ҳарф навишта намешаванд. Ин барои навомӯз хондану навиштанро каме душвору мушкил месозад. Лекин барои ҳалли ин мушкилӣ дар ин маврид аз аломатҳои махсус – ҳаракатҳо, ки дар боло ва зери ҳарфҳо гузашта мешаванд, истифода менамоянд. Чунончи:*

Ҳаракати ***фатҳа*** ё ***забар*** ـَـ барои ифодаи садоноки «а»;

Ҳаракати ***зер*** ё ***касра*** ـِـ барои ифодаи садоноки «и»;

Ҳаракати ***пеш*** ё ***замма*** ـُـ барои ифодаи садоноки «у».

- *Дар алифбои ниёгон баъзе ҳарфҳо якчанд овозро ифода намуда, ҳамчунин баъзе овозҳо гоҳо бо 2 – 4 ҳарф ифода меёбад. Ин хусусияти алифбо, аз як тараф, омӯзиши онро каме душвор кунад, аз ҷониби дигар, барои доимо дар ҳолати фаъол ва инкишоф будани майнаву тафаккур нақши муҳим дорад.*
- *Дар алифбои ниёгон ҳисса (ҳиҷо)-и калима аз як сатр ба сатри дигар кӯчонида намешавад.*

Ҳамаи ин хусусиятҳоро дар ҷараёни дарсҳо як ба як меомӯзем.

## Саволҳо:

1. *Алифбои ниёгон дорои чанд ҳарф аст?*
2. *Чанд ҳарф ва кадом ҳарфҳо ба алифбои арабӣ илова карда шуд ва барои чӣ?*
3. *Тарзи навишти хатти ниёгон чӣ тавр аст?*
4. *Ҳарфҳои алифбои ниёгон чанд шакл доранд ва фарқи онҳо аз ҳарфҳои алифбои русӣ чист?*
5. *Кадом садонокҳои кӯтоҳ дар байни калима навишта намешаванд?*
6. *Садонокҳои кӯтоҳро бо чӣ ифода мекунем?*
7. *Боз кадом ҷиҳату хусусияти алифбои ниёгонро медонем?*



## Дарси сеюм

# Унсурҳои ҳарфсоз

Алифбои ниёгон, бо вуҷуди ҳарфҳои гуногуншакл доштанаш, мисли дигар алифбоҳо, дар асоси тартибу низоми муайян сохта шудааст. Агар шумо бодиққат ба ҳарфҳои он назар кунед ва се унсури ҳарфсозро ёд гиред, навиштани ҳамаи ҳарфҳои алифбои ниёгонро ба зудӣ аз худ менамоед. Ин се унсури ҳарфсоз дорои шаклҳои калону хурд буда, тамоми ҳарфҳои алифбои ниёгон дар асоси онҳо сохта мешаванд:

| Хатти рост | | Нимдоира | | Нуқта | |
|---|---|---|---|---|---|
| Шакли калон | Шакли хурд | Шакли калон | Шакли хурд | Шакли калон | Шакли хурд |
|  |  |  |  |  |  |

*Масалан, тавачҷӯҳ кунед:*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| б | - | ب | = |  | + | — | + |  |
| т | - | ط | = |  | + | - | + |  |
| с | - | ص | = |  | + | — | + |  |
| м | - | م | = |  | + | - | + |  |

Дигар ҳарфҳо низ ҳамин тарз сохта мешавад. Албатта, барои зеботар шудани онҳо хатҳои росту нимдоираҳоро каме моил менависанд. Чунончи:



**Имлои унсурҳои ҳарфсозро машқ намоед:**



# Дарси чорум

## Ҳарфҳои *мунфасила*

Ҳарфҳои алифбои ниёгонро аз рӯйи тарзу шеваи навишт ба **ҳарфҳои мунфасила** ва **муттасила** ҷудо мекунанд:

Ҳарфҳои мунфасила (фосиладор, пайвастнашаванда, начаспанда) 7- то буда, онҳо танҳо шакли пурра доранду халос, яъне якшакла мебошанд ва шаклу номи онҳо чунин аст:

| | |
|---|---|
| **алиф** | **ا** |
| **дол** | **د** |
| **зол** | **ذ** |
| **ре** | **ر** |
| **зе** | **ز** |
| **же** | **ژ** |
| **вов** | **و** |

Аз ҳарфҳои мунфасила 5-тоаш, яъне ***дол, зол, ре, зе*** ва ***же*** яковоза мебошанд:

| | |
|---|---|
| д | د |
| з | ذ |
| р | ر |
| з | ز |
| ж | ژ |

Ҳарфҳои ***долу зол*** ҳамшакл буда, бо як нуқта фарқ мекунанд. Ҳарфҳои ***ре, зе*** ва ***же*** низ ҳамшакл буда, фақат бо нуқтаҳо тафовут доранд.

**Эзоҳ:**
**Нуқтаҳои ҳарфи *же* чунин гузошта мешаванд: ____ Агар онҳо пайваст карда шаванд, секунҷа ____ ҳосил мешавад.**

Аммо ҳарфҳои ***алифу вов*** сервазифа буда, ҳар кадом якчанд овозро ифода менамоянд, ки онҳоро дар дарсҳои оянда хоҳед омӯхт.

**Тарзи навишти ҳарфҳои мунфасиларо машқ кунед:**

آ ا

د

ذ

ر

ز

ژ

و

**Саволҳо:**

1. *Ҳарфҳои алифбои ниёгонро ба чанд гурӯҳ ҷудо кардаанд ва онҳо чӣ ном доранд?*
2. *Ҳарфҳои мунфасила чандтоанд?*
3. *Кадоме аз онҳо яковоза мебошанд?*
4. *Кадом ҳарфҳои мунфасила ҳамшакл мебошанд?*

# Дарси панҷум

## Ҳарфи *алиф*




آرد

**Ҳарфи *алиф* овозҳои зеринро ифода мекунад:**

- дар мобайн ва охири калима **«о»** хонда мешавад:

| | |
|---|---|
| додо | دادا |
| доро | دارا |
| роз | راز |
| додар | دادَر |
| жож (беҳудагӯӣ) | ژاژ |

- дар аввали калима вақте **«о»** хонда мешавад, ки агар дар болояш аломати мадда ~ дошта бошад.

| | |
|---|---|
| озод | آزاد |
| оро | آرا |
| озар (оташ) | آذر |

**Эзоҳ: Алифе, ки дар болояш мадда дорад, *алифи мамдуда* (маддадор) номида мешавад.**

- ҳарфи ***алиф*** дар аввали калима овозҳои **«а»** , **«и»** ва **«у»** ро низ ифода мекунад ва дар ин маврид барои беғалату бедушворӣ хондан аз ҳаракатҳо истифода бурда мешавад:

| | |
|---|---|
| аз | اَز |
| аждар | اَژدَر |
| изо | اِزا |
| урду | اُردو |

## Калимаҳои зеринро хонед ва нависед:

اَز دَر آذَر آزاد دادا دادَر اژدَر

آرد دَرد ژاژ زَرد راز دُزد

## Калима ва ҷумлаҳои зеринро ба хатти ниёгон баргардонед:

дар, зар, дард, озар, доро, додо, жож, аждар.

Доро орд дорад. Озар зар дорад. Озод додар дорад.

## Саволҳо:

1. *Ҳарфи* ***алиф*** *дар кадом ҳолат чӣ гуна овозҳоро ифода мекунад?*

2. *Аломати* ***мадда*** *дар кадом маврид истифода мешавад?*

# Дарси шашум

## Ҳарфи *вов*

دارو



Ҳарфи *вов* чунин овозҳоро ифода мекунад:

- дар аввал, мобайн ва охири калима «в» хонда мешавад:

| | |
|---|---|
| ворид | وارِد |
| даво | دَوا |
| рав | رَو |

- дар мобайн ва охири калима овози «у»-ро ифода мекунад:

| | |
|---|---|
| зуд | زود |
| дур | دور |
| орзу | آرزو |
| ору | آرو |

**Эзоҳ: Агар барои ифодаи овози «у» ҳарфи *вов* истифода шавад, овози «у» дарозтару устувортар талаффуз мегардад.**

**Муқоиса кунед: دُر дур(р) – марворид; دور дур – масофа.**

• дар мобайну охири калима овози «ӯ»- ро низ ифода менамояд:

| | |
|---|---|
| рӯз | روز |
| зӯр | زور |
| рӯ | رو |

• ҷонишини *"ӯ"* ҳамеша бо ***алифу вов*** навишта мешавад: Ӯ ду додар дорад.

او دو دادر دارد

**Эзоҳ: Пайвандаки ва (-у, -ю, - ву) танҳо бо як ҳарфи *вов* ифода шуда, ҳамеша аз калима ҷудо навишта мешавад:**

| | |
|---|---|
| Додову Доро | دادا و دارا |
| Доруву даво | دارو و دوا |

*Аз мисолҳо бароятон маълум шуд, ки агар ҳарфҳои мунфасила паиҳам, яъне пай дар пай оянд, ҳеҷ гоҳ онҳо васл, пайваст намешаванд, яъне намечаспанд. Барои ҳамин онҳоро ҳарфҳои мунфасила (фосиладор, ҷудо) меноманд.*

**Калимаву ҷумлаҳои зеринро хонед ва нависед:**

زود دور واو وارِد وادار رَوا دَوا دَرواز آرو

او آرزو دارَد. دادَر دارو و دَوا آوَرد.

**Калима ва ҷумлаҳои зерро ба алифбои ниёгон баргардонед:**

вов, довар, дур давр, зӯр, рӯз, дору, даво.

Ӯ аз Дарвоз орд овард. Довар дору дорад.

Ораз орзу дорад.

**Саволҳо:**

1. *Ҳарфи* ***вов*** *кадом овозҳоро ифода мекунад?*
2. *Ҷонишини* ***«ӯ»*** *бо кадом ҳарфҳо ифода мешавад?*
3. *Барои чӣ 7-то ҳарфи мазкурро ҳуруфи мунфасила меноманд?*

# Дарси ҳафтум

## Такрор

**Машқҳои такрорӣ.**

**Калимаҳои зеринро хонед ва ба алифбои имрӯза баргардонед:**

آرد دادَر دارو آرزو آذَر آزاد

زود دور دَرواز داوَر

**Ҷумлаҳои зеринро бо алифбои ниёгон нависед:**

Ораз орд овард. Ӯ ду додар дорад. Озод аз Дарвоз дору овард.

**Диктанти санҷишӣ.**

**Дар вақти холӣ. Бозӣ: «Якдигарро месанҷем»**

Бо шарикдарси худ навиштани калимаҳои азхудшударо машқ кунед. Як нафар 5 калима мегӯяд, нафари дуюм менависад. Сипас, нақшҳои худро иваз кунед. Агар саволе пайдо шавад, аз устод пурсед.

## Дарси ҳаштум

## Ҳарфҳои муттасила

Ҳарфҳои муттасила (васлшаванда, пайвастшаванда, часпанда) 25-то мебошанд. Агар онҳо пай дар пай оянд, ба ҳамдигар васл мешаванд, бинобар ин онҳоро ҳуруфи

муттасила меноманд. Ҳарфҳои мунфасила, агар баъди ҳарфҳои муттасила оянд, бо онҳо пайваст (якҷоя), вале пеш аз онҳо ҷудо навишта мешаванд.

Ҳарфҳои муттасила одатан ду шакл доранд: пурра ва нопурра. Шакли пурраи онҳо дар охири калима ва дар алоҳидагӣ навишта шуда, вале шакли нопурраашон дар аввалу мобайн истифода мешавад.

## Ҳарфҳои *бе* ва *пе*

Ҳарфҳои *бе* ва *пе* муттасилаи душакла – дорои шакли пурра ва нопурра мебошанд ва овозҳои «б» ва «п»-ро ифода мекунанд.

Шакли пурра ва нопурраи онҳо чунин аст:

| Шакли нопурра | Шакли пурра |
|---|---|
| ﺑ | ب |
| ﭘ | پ |

بَبر



Барои дурусттар фаҳмидани роҳи **пайваст** шудани ҳарфҳо ба мисолҳои зерин диққат диҳед.

Маълум аст, ки шакли пурраи ҳарфи **бе** чунин аст: **ب** Агар ба он ҳарфи **алифро** пайваст кардан хоҳем, шакли нопурраи онро истифода мекунем:

| | |
|---|---|
| б+о = бо | ب+ا= بـ + ا = با |

Агар калимаи **«боб»**-ро навиштан хоҳем, барои овози **«б»**-и дуюм шакли пурраи онро менависем, зеро баъд аз он ҳарфи дигаре нест.

| | |
|---|---|
| бо+б= боб | با + ب = باب |

Тавре ки мебинем, барои бо ҳарфи **"бе"** пайваст кардани ҳарфи **"алиф"** ба он як хатчаи хурде илова мекунем (بـ + ا = با). *Иловаи хатчаи пайвасткунанда маънои шакли дигар доштани ҳарфи **"алиф"** (ва дигар ҳарфҳо)- ро надорад.*

**Мисолҳо:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| по | پا | бо | با |
| падар | پَدَر | боб | باب |

| | | | |
|---|---|---|---|
| парвоз | پَرواز | буз | بُز |
| падруд | پَدرود | бабр | بَبر |

Тавре ки мебинем, ин ду ҳарф якхела буда, танҳо аз рӯйи миқдори нуқтаҳо фарқ мекунанд.

**Калима ва ҷумлаҳои зеринро хонед ва нависед:**

بابا باد باز بَرابَر بَرادَر باب آبرو پَدَر پا آرد

آرزو بَرادَر دارَد. آزاد اَز وَرزاب آب آوَرد.

او اَز دَرواز دارو آوَرد.

**Калима ва ҷумлаҳои зеринро ба алифбои ниёгон баргардонед:**

бобо, баробар, бародар, Варзоб, боз, боб, парвоз, Аброр, абрӯ, бозор, бовар, по.

Аброр аз Варзоб боз овард. Ӯ ду бародар дорад. Боз парвоз дорад.

**Саволҳо:**

1. *Ҳуруфи муттасила чандтоанд ва барои чӣ онҳоро муттасила меноманд?*

2. *Ҳарфҳои мунфасила дар кадом ҳолат бо ҳарфҳои муттасила пайваст навишта мешаванд?*

*3. Ҳарфҳои **бе** ва **пе** чанд шакли навишт доранд ва фарқи ин ду ҳарф дар чист?*

*4. Мавридҳои имлои (навишти) шакли пурра ва нопурраи ҳарфҳои муттасиларо шарҳ диҳед.*

## Дарси нӯҳум

## Ҳарфҳои *те* ва *се*

Ҳарфҳои ***те*** ва ***се*** овозҳои **«т»** ва **«с»**-ро ифода мекунанд.

Ин ду ҳарф низ муттасилаи душакла буда, мисли харфҳои **«бе»** ва **«пе»** мебошанд ва танҳо бо ҷой ва микдори нуқтаҳо фарқ мекунанд.

| Шакли нопурра | Шакли пурра |
|---|---|
| تـ | ت |
| ثـ | ث |



توپ

## Мисолҳо:

| | | | |
|---|---|---|---|
| сабт | ثبت | тоб | تاب |
| исбот | اِثبات | таб | تَب |
| асар | اَثَر | табар | تَبَر |
| осор | آثار | тут | توت |

## Калимаву ҷумлаҳои зеринро хонед ва нависед:

تار توپ دوتار اَثَر ثابِت آثار ثَبت ترازو
توت تَب تُرب بَرات تاتار تَبَر تاز.
بَرات دوتار دارَد. بَرادَر تَرازو را آوَرد. آذَر
آرزو دارَد. او اَز وَرزاب توت آوَرد.

## Мисолҳои зеринро ба алифбои ниёгон баргардонед:

ту, тор, тоз, тӯб, тотор, асар, осор, исбот, тӯпдор, табар.

Падар таб дорад. Озар аз бозор турбу тарбуз овард. Борбад дутор дорад.

**Ба шаклҳои монанди зерин нуқтаҳои мувофиқ гузошта, калима созед:**

**ٮا    ٮار    ٮر    ٮس    ٮوٮ    ٮور**

## Дарси даҳум

## Ҳарфи *нун*

Ҳарфи муттасилаи ***нун*** овози **«н»** -ро ифода мекунад ва душакла буда, шакли пурра ва нопурраи он чунин аст:

| Шакли нопурра | Шакли пурра |
|---|---|
| نـ | ن |



**انار**

## Мисолҳо:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Барно | بَرنا | нон | نان |
| дандон | دَندان | тан | تَن |
| нур | نور | нодон | نادان |
| Наврӯз | نَوروز | бадан | بَدَن |

Шаклҳои нопурраи ҳарфҳои **бе, пе, те, се, нун** монанд буда, бо ҷой ва миқдори нуқтаҳо фарқ мекунанд.

**Муқоиса кунед:**

| | | | |
|---|---|---|---|
| бадан | بَدَن | б | بـ |
| падар | پَدَر | п | پـ |
| табар | تَبَر | т | تـ |
| сабт | ثَبت | с | ثـ |
| навбат | نَوبَت | н | نـ |

**Мисолҳои зеринро хонед ва нависед:**

نان ناز زَبان زانو دانا نور نادان.

بَرات دو دَندان بَرآوَرد. نادِر اَز دَرواز اَنار آوَرد. بَرنا نَوروز را نان داد.

**Ҷадвалро ба дафтар кашед ва бо ҳарфи нун мисолҳо нависед:**

| Шакли нопурра | Шакли пурра |
|---|---|
| اَنار | دان |
| ... | ... |

**Калима ва ҷумлаҳои зерро ба алифбои ниёгон баргардонед:**

борон, дандон, тозон, зиндон, анор, нон, нардбон, нодир.

Анвар аз бозор тозон анору нон овард. Нодир ду дандон баровард.

# Дарси ёздаҳум

## Ҳарфи *йо*

Ҳарфи *йо* муттасилаи душакла буда, якчанд овозро ифода мекунад, бинобар ин яке аз ҳарфҳои сервазифа ва мушкили алифбои ниёгон мебошад. Шакли пурра ва нопурраи он чунин аст:

| Шакли нопурра | Шакли пурра |
| --- | --- |
| ﯾ | ی |



پَنیر

Тавре ки мебинед, шакли нопурраи *йо* ҳам ба шакли нопурраи ҳарфҳои муттасилаи гузашта монанд буда, лекин дар зераш ду нуқта дорад. Аммо шакли пурраааш бенуқта мебошад.

**Ҳарфи *йо* чунин вазифаҳо дорад:**

- Дар аввал, мобайн ва охири калима овози «й»-ро ифода мекунад:

ёр یار пайрав پیرو най نی

- Дар мобайн ва охири калима садоноки «и» («ӣ»)-ро ифода мекунад:

дин دین рӯзӣ روزی забонӣ زبانی

- *Дар* мобайн ва охири калима овози «е»-ро ифода мекунад:

дер دیر зебо زیبا духтаре دختری

- *Пас* аз овозҳои «о». «у» ва «ӯ» бандаки изофиро ифода мекунад:

| | |
|---|---|
| Бобои Аброр | بابای ابرار |
| Орзуи ту | آرزوی تو |
| Рӯйи зебо | روی زیبا |

**Эзоҳ: Бандаки изофӣ пас аз ҳамсадо навишта намешавад. Барои ифодаи он аз аломати «зер» истифода мекунанд:**

| | |
|---|---|
| Падари Анвар | پدرِ انور |
| Бародари Доро | برادرِ دارا |

**Мисолҳои зерро хонед ва нависед:**

پیر وَزیر بیرون ثانی دَروازی تیر پَنیر بانو
دیوان نانی دین بید.
اَنوَری دیوان دارَد. پَیرَو نی دارَد.
اَنوَر پَروین را دید.

**Мисолҳои зеринро ба алифбои ниёгон баргардонед:**

Пайрав найнавозро дид. Падар Зеборо аз Варзоб овард. Борон тез борид. Анвар бо Парвиз бозӣ дорад.

## Дарси дувоздаҳум

## Идомаи мавзӯи ҳарфи *йо*

- Дар аввали калима садонокҳои устувори «и» ва «э» бо *алифу йо* навишта мешаванд:

ин این Эрон ایران эрод ایراد

**Эзоҳ:** Калимаи **«эй»** (ай) ҳам бо ***алифу йо*** навишта мешавад:

Эй бародар! ای بَرادَر!

Овози **«й»**-и таркиби йотбарсарҳои **«я»** (й+а), **«ё»** (й+о) ва **«ю»** (й+у) бо ҳарфи ***йо*** ифода меёбад:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Яздон (Худо) | یَزدان | дарё | دَریا |
| бояд | بایَد | поён | پایان |
| ёр | یار | Юнон | یونان |

**Эзоҳ:** Дар мавриди тарзи навишти ҳарфи **«я»** (соя, поя…) дар охири калима дар дарсҳои оянда маълумот медиҳем.

**Мисолҳои зеринро хонед ва нависед:**

**یاد یَزدان دَریا یادبود یار یاوان یونان**
**پایان آیوان این.**

**پیرَو اَز ایران دارو آوَرد. اَنوَر اَز دَریا آب آوَرد. پَروین دَر یونان زادروز دارَد.**

**Мисолҳои зерро ба алифбои ниёгон баргардонед:**

Парвиз бояд ӯро бинад. Парвин аз Эрон дору овард. Ӯ ин анорро аз Ёвон овард. Ӯ бояд нону дон биёрад. Бародарӣ поён надорад.

**Ба шаклҳои зерин нуқта гузошта, калима созед.**

Намуна:

| | | |
|---|---|---|
| ёр ← | **یار** | |
| тор ← | **تار** | |
| нор ← | **نار** | **ٮار** |
| бор ← | **بار** | |

**ٮر ٮاى ٮاٮاں ٮاراں ٮسر**

## Дарси сездаҳум
## Такрор

Диктант ва баррасии он.

Ҳарфҳоро ба ҳамдигар пайваст намуда, калима созед ва ба дафтар кӯчонед:

ب+ا+ر+ا+ن= ...     پ+ن+د= ...

ی+و+ن+ا+ن= ...     پ+ر+و+ی+ن= ...

د+ر+ی+ا= ...     پ+ی+ر+و= ...

ب+ی=ن= ...     ن+ا+ز+ن+ی+ن= ...

پ+ی+و+ن+د= ...     ت+ب+ر= ...

## Дарси чордаҳум
## Ҳарфҳои *син* ва *шин*

Ҳарфҳои ***син*** ва ***шин*** бо ҳам монанд буда, овозҳои **«с»** ва **«ш»** - ро ифода менамоянд. ***Шин*** аз ***син*** бо се нуқта фарқ мекунад. Шаклҳои пурра ва нопурраи онҳо чунин мебошад:

| Шакли нопурра | Шакли пурра |
|---|---|
| ﺳ | س |
| ﺷ | ش |




شیر



سیب

## Мисолҳо:

| | | | |
|---|---|---|---|
| шод | شاد | сорбон | ساربان |
| шарбат | شَربَت | сардор | سَردار |
| шаб | شَب | савсан | سَوسَن |
| шутур | شُتُر | асрор | اَسرار |
| пушт | پُشت | асос | اَساس |

| | | | |
|---|---|---|---|
| нишон | نِشان | даст | دَست |
| неш | نیش | суст | سُست |
| нӯш | نوش | паст | پَست |

**Мисолҳои зерро хонед ва нависед::**

**دَست پَیوَست داس پَست سَوسَن شُبان**
**شَب شیرین دُشوار نوش نَشریات.**
**ساربان دَر پیش رَوان اَست. شادی اَز**
**دیدارِ پَدَر شاد شُد.**

**Эзоҳ:** Ҳарфҳои **«син»** - у **«шин»** дар хатти чопӣ ҳамеша бо дандона навишта мешаванд, аммо ҳангоми бо даст навиштан онро баъзан бедандона низ менависанд. Масалан:

| | | |
|---|---|---|
| даст | دست | دَست |
| сар | سر | سَر |

**Мисолҳои зеринро ба алифбои ниёгон баргардонед:**

Сар, сир, саркор, сарвар, суст, шаб, шод, шодӣ, доштан, шутур, сиёсат.

Шодӣ саркорро тарсонд. Сорбон шутурро аз дашт овард. Писар аз дидори падар сер нашуд. Сир сероб ва бисёр тез буд.

## Дарси понздаҳум

## Ҳарфи *лом*

Ҳарфи *лом* овози «*л*»-ро ифода мекунад ва шакли пурраву нопурраи он чунин аст:

| Шакли нопурра | Шакли пурра |
|---|---|
| لـ | ل |



بیل



لبلبو

Мисолҳо:

| | | | |
|---|---|---|---|
| дил | دِل | лаб | لَب |
| сол | سال | лаблабу | لَبلَبو |
| ёл | یال | дилбар | دِلبَر |
| бол | بال | бел | بیل |

Ба тарзи пайвастшавии «лом» бо «алиф» эътибор диҳед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| дило | دِلا | вилоят | ولایَت |
| боло | بالا | селоб | سیلاب |

Мисолҳоро хонед ва нависед:

بال دِل لَب بُلبُل دِلاوَر یال

اَسپِ پیرَو یالِ دَراز دارَد. دِلاوَر دوستِ دانا

دارَد. بَر لَبِ دَریا بیا! دِلشاد لال شُد.

دِلبَر بُلبُل دارَد.

**Ҷумлаҳоро ба алифбои ниёгон баргардонед:**

Булбул дар лаби дарё буд. Диловар дӯсташро дид. Аспи Дилшод ёли дароз надорад. Дилбар бо Давлат дӯст аст. Нӯшин аз лаби дарё об овард. Парвиз лаблабуро дӯст дорад.

# Дарси шонздаҳум

## Ҳарфҳои *коф* ва *гоф*

Ҳарфҳои *коф* ва *гоф* ҳамшакл буда, овозҳои **«к»** ва **«г»**-ро ифода мекунанд. Шаклҳои пурраву нопурраи онҳо чунинанд:

| Шакли нопурра | Шакли пурра |
|---|---|
| ک | ك |
| گ | گ |



گیلاس



کبوتر

## Мисолҳо:

| | | | |
|---|---|---|---|
| гург | گُرگ | кас | کَس |
| гадо | گَدا | китоб | کِتاب |
| нигор | نِگار | тарк | تَرک |
| шудгор | شُدگار | нок | ناک |
| санг | سَنگ | пок | پاک |
| барг | بَرگ | гурз | گُرز |



گل

**Эзоҳ:** Ҳарфҳои ***коф*** ва ***гоф*** бо ҳарфҳои ***алиф*** ва ***лом*** ҳангоми бо даст навиштан ба таври махсус пайваст мешаванд. Ба мисолҳои зерин тавачҷӯҳ кунед ва ба дафтаратон нависед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| гул | گل | кор | کار |
| гов | گاو | шакл | شکل |

Мисолҳоро хонед ва нависед:

کِتاب کولاب کَبک کِشوَر گُرگ

آزاد کابُل را یاد کَرد. گُرگ بُزرا کُشت.

گل رَنگ و بوی دِلرَبا دارَد.

Мисолҳоро ба алифбои ниёгон баргардонед:

Искандар гургро кушт. Як даст овоз надорад. Бонангу номус бош. Дарсро такрор кунед. Китоб дӯсти инсон аст.

## Дарси ҳабдаҳум

Диктант ва баррасии он

Машқҳо барои такрор.

Ҷумлаҳои зеринро хонед ва нависед:

کِتاب را دوست دارید. شاکِر پَدَرَش را یاد کَرد. شَب تاریک شُد. کَبیر اَز کولاب کِتاب آوَرد. شاگِرد اُستادرا دید.

Ҷумлаҳоро ба алифбои ниёгон баргардонед:

Шутур дар дашт аст. Соро китоб дорад. Савсану Шокир аз бозор ду кило себу ду кило лаблабу оварданд. Гул дигару гил дигар.

## Дарси ҳаждаҳум

## Ҳарфи *мим*

Ҳарфи *мим* муттасила буда, овози «**м**»-ро ифода мекунад ва шакли пурраву нопурраи он ба таври зайл аст:

| **Шакли нопурра** | **Шакли пурра** |
|---|---|
| ﻣ | م |



مار



ليمو

Мисолҳо:

| | | | |
|---|---|---|---|
| намад | نَمَد | мо | ما |
| кам | کَم | модар | مادَر |
| нам | نَم | ман | مَن |
| бом | بام | мадад | مَدَد |
| ном | نام | тамом | تَمام |
| шом | شام | тамошо | تَماشا |

Калима ва ҷумлаҳои зеринро хонед ва ба дафтар нависед:

مَن مادَر مَکتَب نام نَمَک بامداد نَمَد.

نان را گِرامی دارید. مَن مادَرَم را بِسیار دوست میدارَم. سلامَت سَلیم را دید.

Ҷумлаҳоро пурра созед:

مادَر ------ میدارَد.

سَلامَت ------ دید.

او شادی را ------ داد.

Ҷумлаҳоро ба алифбои ниёгон баргардонед:

Салом Муродро дӯстдорӣ намуд. Каромат аз бозор мол овард. Булбул дар лаби бом нишаст. Карим мамлакатро посбонӣ мекунад.

## Дарси нуздаҳум

## Ҳарфҳои *фе* ва *қоф*

Ҳарфҳои ***фе*** ва ***қоф*** душаклаи монанд буда, овозҳои «**ф**» ва «**қ**»-ро ифода мекунанд. Шаклҳои пурра ва нопурраи онҳо ба таври зайл аст:

| Шакли нопурра | Шакли пурра |
|---|---|
| فـ | ف |
| قـ | ق |





برق                                        برف

Мисолҳо:

| | | | |
|---|---|---|---|
| қарор | قَرار | фардо | فَردا |
| қадр | قَدر | фармон | فَرمان |
| нақл | نَقل | сафар | سَفَر |
| нақш | نَقش | нафас | نَفَس |
| машқ | مَشق | каф | کَف |
| рафиқ | رَفیق | шариф | شَریف |
| барқ | بَرق | барф | بَرف |
| шарқ | شَرق | шараф | شَرَف |

**Эзоҳ:** Тавре ки мебинем, шаклҳои хурди ин ҳарфҳо ба ҳам монанд буда, аз рӯйи миқдори

нуқта фарқ мекунанд. Аммо шакли пурраи **фе** ба андозаи **бе** ва шакли пурраи **қоф** ба андозаи **нун** аст. Ба мисолҳои зер таваҷҷӯҳ кунед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| фиреб | فِریب | қариб | قَریب |
| барқ | بَرق | барф | بَرف |

Ҷумлаҳоро хонед ва нависед:

قُدرَت بَرق را بَرقَرار کَرد. بَرف تا زانو بارید.

شَریف مَشق میکُنَد. قَول اَشرَف یَک اَست.

قادِر قَربان را قَدر کَرد.

فَرمان فَردا یوسُف را میبینَد.

Ҷумлаҳоро ба алифбои ниёгон баргардонед:

Қурбон фардо аз қишлоқ меояд. Фармон Фаридунро қаймоқ дод. Дирӯз барфи зиёд борид. Юсуф Қодирро фиреб намуд.

## Дарси бистум

## Ҳарфи ҳои ҳавваз

Ҳарфи ***ҳои ҳавваз*** яке аз ҳарфҳои душвори алифбои ниёгон буда, муттасилаи чоршакла

мебошад ва якчанд овозро ифода мекунад. Ҳарфи мазкур чунин шаклҳо дорад:

| Дар алоҳидагӣ | Дар охир | Дар байн | Дар аввал |
|---|---|---|---|
| ه | ـه | ـهـ | هـ |



ماه



ماهی

*Ҳои ҳавваз* чунин вазифаҳо дорад:

Дар аввал, мобайн ва охири калима овози «ҳ» - ро ифода менамояд:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| шоҳ | شاه | баҳор | بَهار | ҳаво | هَوا |
| моҳ | ماه | шаҳр | شَهر | ҳазор | هَزار |
| кӯҳ | کوه | баҳо | بَها | ҳавас | هَوَس |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| дах | دَه | махтоб | مَهتاب | Ҳинд | هِند |

**Мисолҳои зеринро хонед ва нависед:**

هَوَسماه اَز شَهر آمَد. هَنوز هَوا گَرم اَست. فَرهاد هَمراز شيرين بود. بَهرام دوست بهروز اَست. دَر هِندوستان مهرُبان را ديدَم.

**Мисолҳои зеринро ба алифбои ниёгон баргардонед:**

Сӯҳроб аз Ҳиндустон баргашт. Моҳрӯй дӯсти Маҳтоб аст. Шоҳмотбоз дар даҳ бозӣ пирӯз шуд. Дар баҳорон гулҳо зеби кӯҳсорон мешаванд. Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад.

## Дарси бисту якум

## Идомаи мавзӯи *ҳои ҳавваз*



گربه



قهوه

• Овози «а» дар охири калима ҳамеша бо *ҳои ҳавваз* ифода мешавад:

лона **لانه** шона **شانه** ба **به**

• Дар охири якчанд калима овозҳои «и» ва «е» ба *ҳои ҳавваз* ифода меёбанд:

балки **بَلکه** зеро ки **زیراکه** ки **که**

шанбе **شَنبه** Душанбе **دوشَنبه** се **سه**

• Дар охири калима йотбарсари «я» бо харфҳои *йо* ва *ҳои ҳавваз* навишта мешавад:

гиря **گِریه** соя **سایه** доя **دایه**

сармоя **سَرمایه** моя **مایه** такя **تکیه**

Бо мисолҳои боло ҷумла созед ва имлои *ҳои ҳавваз*-ро машқ кунед.

Порчаҳои зеринро хонеду нависед ва аз ёд кунед:

**دَلیری کُن که مَیدان اَز دَلیر است،**

**اَگَر روباه دَلیر اَفتاد، شیر است.**

تَوانا بُوَد هر که دانا بُوَد،
ز دانِش دلِ پیر بَرنا بُوَد.
دِل را به دل رَهیست دَر این گُنبَدِ سِپِهر،
اَز روی کینه کینه و اَز روی مِهر مِهر.

**Шеърро нависед ва аз ёд кунед:**

Ҳамеша машварат бо дӯстон кун,
Зи душман рози дил доим ниҳон кун.

**Мисолҳои зеринро ба алифбои ниёгон баргардонед:**

Шаҳри *Душанбе* рӯз ба рӯз зебову обод мешавад. Шамсия бонуи меҳрубон аст. Ӯ бояд ба доя се дона анор ҳадя кунад.

**Эзоҳ:** Агар *ҳои ҳавваз* овози «ҳ»- ро ифода намояд, онро *ҳои ҳаввази малфуз* (талаффузшаванда) меноманд, лекин агар овозҳои *а, и, е* – ро ифода кунад, онро *ҳои ҳаввази ғайрималфуз* (талаффузнашаванда) мегӯянд.

# Дарси бисту дуюм

## Такрор

Диктант ва баррасии он.

Баъзе калимаҳо як тарзи навишт дошта, аммо гуногун хонда мешаванд:

| | |
|---|---|
| даҳ, деҳ | ده |
| гул, гил | گل |
| қадр, қадар | قدر |
| ба, беҳ | به |
| нӯҳ, неҳ | نه |
| бин, байн | بين |
| нафс, нафас | نفس |
| буд, бувад | بود |

# Дарси бисту сеюм

## Ҳарфҳои *ҳои ҳуттӣ* ва *хе*

Ҳарфҳои *ҳои ҳуттӣ* ва *хе* ҳарфҳои муттасилаи душаклаи ба ҳамдигар монанд буда, бо як нуқта фарқ мекунанд ва овозҳои «ҳ» ва «х» -ро ифода мекунанд. Шакли пурра ва нопурраи онҳо чунин аст:

| Шакли нопурра | Шакли пурра |
|---|---|
| حـ | ح |
| خـ | خ |



ملخ



يخماس

| | | | |
|---|---|---|---|
| хабар | خَبَر | ҳалво | حَلوا |
| хурсанд | خُرسَند | раҳмат | رَحمَت |
| нахл | نَخل | Маҳмуд | مَحمود |
| Бухоро | بُخارا | мусаллаҳ | مُسَلَّح |
| талх | تَلخ | рӯҳ | روح |
| шох | شاخ | силоҳ | سِلاح |

**Эзоҳ:** Агар дар решаи калима яке аз ҳамсадоҳо такрор шавад, он дар хатти ниёгон бо як ҳарф навишта мешавад. Дар ин мавриди барои дуруст хондан дар болои ҳамон ҳамсадо аломати ***ташдид*** (ّ) гузошта мешавад:

| | | | |
|---|---|---|---|
| мусаллаҳ | مُسَلَّح | Муҳаммад | مُحَمَّد |
| Мунаввар | مُنَوَّر | Муҳаббат | مُحَبَّت |
| аввал | اَوَّل | аммо | اَمّا |

Бо ҳарфҳои мазкур ҷумла созед ва имлои онҳоро машқ намоед.

Мисолҳои зерро хонед ва нависед:

حَبیب مَحمود رَحمَت حاکِم خوب خاک

خُرما بُخارا مَلَخ خَلق تُخم شاخ

حاکُم حُکم بَرآوَرد. روحِ او بالیده گَشت.

اَحوالِ بیمار خوب شُد.

بُخارا شَهرِ قَدیم می باشَد.

**Эзоҳ:** Тавре ки мебинем, барои ифодаи овози «х» дар алифбои ниёгон ду ҳарф (ҳои ҳавваз ва ҳои ҳуттӣ) мавҷуд аст. Бинобар ин калимаҳоеро, ки бо ин ҳарфҳо навишта мешаванд, дар хотир гиред.

Мисолҳои зерро ба алифбои ниёгон баргардонед:

Ба Бухоро хуш омадед! Аз Балх хабар доданд. Шоҳрух Хуршедро ба кох бурд. Бодом талх баромад.

# Дарси бисту чорум

## Ҳарфҳои *ҷим* ва *че*

Ҳарфҳои *ҷим* ва *че* низ муттасилаи душакла буда, овозҳои «ҷ» ва «ч» - ро ифода мекунанд. Онҳо бо ҳарфҳои *ҳои ҳуттӣ* ва *хе* ҳамшакл буда, фақат аз рӯйи ҷой ва миқдори нуқтаҳо фарқ мекунанд:

| Шакли нопурра | Шакли пурра |
|---|---|
| جـ | ج |
| چـ | چ |



قیچی



چشم

## Мисолҳо:

| | | | |
|---|---|---|---|
| чодар | چادَر | ҷон | جان |
| чарб | چَرب | ҷаҳон | جَهان |
| чор | چار | ҷав | جَو |
| бечора | بیچاره | наҷот | نَجات |
| бача | بَچه | Маҷнун | مَجنون |
| печ | پیچ | ганҷ | گَنج |
| мурч | مُرچ | ранҷ | رَنج |
| пуч | پوچ | ривоҷ | رِواج |

Бо ҳарфҳои мазкур мисолҳо ёбед ва имлои онҳоро машқ намоед.

Мисолҳоро хонед ва нависед:

جانان جَمیله را دوست می دارَد (میدارَد).

جَمال به جَمشید پَنج دانه خُرما داد.
مَوجِگُل با جاروب خانه را روفت.
چَشمِ بَچه تَرسید.

**Мисолҳои зеринро ба алифбои ниёгон баргардонед:**

Ҷалил аз Ҷовид хабар гирифт. Ҳоҷӣ аз ҳаҷ баргашт. Тахти Ҷамшед дар Эрон аст. Чодарро печонид ва ба бача дод. Мурч хеле тез аст.

## Дарси бисту панҷум

## Ҳарфҳои *сод* ва *зод*

Ҳарфҳои *сод* ва *зод* муттасилаи душаклаи монанд буда, бо як нуқта фарқ мекунанд ва овозҳои «с» ва «з» - ро ифода мекунанд. Шаклҳои пурраву нопураи онҳо ба таври зайл аст:

| Шакли нопурра | Шакли пурра |
|---|---|
| صـ | ص |
| ضـ | ض |

## Мисолҳо:

| | | | |
|---|---|---|---|
| зарар | ضَرَر | садо | صَدا |
| зарб | ضَرب | сабр | صَبر |
| фазо | فَضا | сарф | صَرف |
| мазмун | مَضمون | масдар | مَصدَر |
| мариз | مَریض | махсус | مَخصوص |
| файз | فَیض | ракс | رَقص |
| қарз | قَرض | шахс | شَخص |
| ҳавз | حَوض | хос | خاص |

Бо ҳарфҳои мазкур мисолҳо нависед ва ба имлои онҳо диққат диҳед.

Мисолҳои зеринро хонед ва нависед:

فَیض به ضِیافَت رَفت. صابِر دو دانه صابون
خَرید. صَبر تَلخ اَست، لیکِن ثَمَرِ شیرین
دارَد. رَقص هُنَرِ خوب اَست.

**Ба алифбои ниёгон баргардонед:**

Ҳазрат ба дарс ҳозир шуд. Фаёз рақс накард. Аз саҳро то хона сӯҳбат кардем. Гург зарари зиёд овард. Файз аз дукон собун овард.

## Дарси бисту шашум

## Ҳарфҳои *то* ва *зо*

Ҳарфҳои ***то*** ва ***зо*** муттасилаи ҳамшакл буда, бо як нуқта фарқ мекунанд ва овозҳои «т» ва «з» - ро ифода менамоянд. Ин ҳарфҳо муттасила бошанд ҳам, мисли ҳарфҳои мунфасила дорои як шакл буда, дар болои хат навишта мешаванд:

| зо | то |
|---|---|
| ظ | ط |



ظرف



طوطی

Мисолҳо:

| | | | |
|---|---|---|---|
| зафар | ظَفر | тӯтӣ | طوطی |
| зоҳир | ظاهِر | тӯфон | طوفان |
| зариф | ظَریف | табобат | طَبابَت |
| назм | نَظم | матлуб | مَطلوب |
| низом | نِظام | нутқ | نُطق |
| назорат | نَظارَت | нотиқ | ناطِق |
| ҳофиз | حافِظ | хат | خَط |
| маҳфуз | مَحفوظ | шарт | شَرط |

Бо ҳарфҳои мазкур мисолҳо нависед ва ба имлои онҳо таваҷҷӯҳ намоед.

**Эзоҳ:** Барои фарқ кардани ин ҳарфҳо аз ҳарфҳои дигари ифодакунандаи овозҳои «т» ва «з» онҳоро маъмулан ***тои итқӣ*** ва ***зои изғӣ*** мегӯянд.

Мисолҳои зеринро хонед ва нависед:

نَظَر سُرودِ اَحمَد ظاهِررا تَقلید کَرد. نِظام صِنف را نَظارَت کَرد. طالِب خَطِ زیبا دارَد.

مَطلوبه گوشوارِ طِلا خَرید.

حافِظ طوطی دارَد.

Мисолҳои зеринро ба алифбои ниёгон баргардонед ва ба дафтар нависед:

Тоҳир Низомро назорат кард. Аҳмад Зоҳир ҳофиз аст. Талаба толиби дониш аст. Дар баҳр тӯфони сахт шуд.

## Дарси бисту ҳафтум

## Такрор

Диктант ва баррасии он.

Машқҳо барои такрор. Ҷадвалҳои зеринро дар дафтар кашида, бо мисолҳо пур кунед:

**1. Ҳарфҳои ифодакунандаи овози "з":**

| | | | |
|---|---|---|---|
| ظ | ض | ذ | ز |
| ظَفَر | مَضمون | ذاکِر | زیبا |
| ... | ... | ... | ... |

**2. Ҳарфҳои ифодакунандаи овози "с":**

| | | |
|---|---|---|
| ص | ث | س |
| صَبر | میراث | پِسَر |
| ... | ... | ... |

**3. Ҳарфҳои ифодакунандаи овози "т":**

| | |
|---|---|
| ط | ت |
| طَرَف | تَبَر |
| ... | ... |

# Дарси бисту ҳаштум

## Ҳарфи *айн*

Ҳарфи ***айн*** муттасилаи чоршакла буда, якчанд овозро ифода мекунад ва хоси забони арабӣ мебошад. Шакли он дар чаҳор ҳолат чунин аст:

| Дар алоҳидагӣ | Дар охир | Дар мобайн | Дар аввал |
|---|---|---|---|
| ع | ـع | ـعـ | عـ |



شمع



عینک

Ҳарфи ***айн*** чунин вазифаҳо дорад:

- дар мобайн ва охири калима *аломати сакта* (ъ)-ро ифода мекунад:

| | | | |
|---|---|---|---|
| раъду барқ | رَعدوبَرق | баъд | بَعد |
| навъ | نَوع | Саъдӣ | سَعدی |
| шамъ | شَمع | маълум | مَعلوم |

Имлои шаклҳои гуногуни ***айн*** - ро машқ намоед.

Мисолҳои зеринро хонед ва нависед:

وَعده دادی وَفا کُن. سَعدی اُستادِ پَند و اَخلاق اَست. آنها چون شَمع و پَروانه دوست می باشَند.

Мисолҳои зеринро ба алифбои ниёгон баргардонед:

Дирӯз раъду барқ шуд. «Гулистон» асари Саъдии Шерозӣ аст. Мо шеърҳои Ҳофизро ҳифз кардем. Бе иҷозат даромадан манъ аст.

# Дарси бисту нӯҳум

## Идомаи мавзӯи ҳарфи *айн*



ساعت

Ҳарфи *айн*:

- дар аввал ва мобайни калима овозҳои «**а**» ва «**и**»-ро ифода менамояд:

| | | | |
|---|---|---|---|
| соат | ساعَت | адл | عَدل |
| шуаро | شُعَرا | араб | عَرَب |
| шоир | شاعِر | ишқ | عِشق |
| мушоира | مُشاعِره | илм | عِلم |

- дар аввали баъзе калимаҳо овозҳои «**у**» ва «**ӯ**»-ро низ ифода мекунад:

| | | | |
|---|---|---|---|
| убур | عُبور | Умар | عُمَر |
| ӯҳда | عُهده | умр | عُمر |
| урён | عُريان | ушшоқ | عُشّاق |

• *ҳарфи **айн*** ҳамроҳи ***алиф*** дар ҳама ҳолат «о
хонда мешавад:

| | | | |
|---|---|---|---|
| таом | طَعام | оқил | عاقِل |
| маориф | مَعارِف | ошиқ | عاشِق |
| саодат | سَعادَت | олим | عالِم |
| иддао | اِدَّعا | маош | مَعاش |

Мисолҳои зерро хонед ва нависед:

عِلمَت به عَمَل چو یار گَردَد،
قَدرِ تو یَکی هَزار گَردَد.
مَشوَرَت اِدراک و هوشیاری دِهَد،
عَقلها را عَقلها یاری دِهَد.
عَدل و عَدالَت جاویدان اَست.

عُمَرِ خیّام شاعِر اَست.

Мисолҳоро ба алифбои ниёгон баргардонед ва шеърҳоро аз ёд намоед:

Олими беамал - занбӯри беасал. Одил ошиқи китоб аст. Саодат духтари қобилу доно аст. Ибод аз дарё убур кард.

Чунон бояд тариқи зиндагонӣ,
Ки баъди мурдани худ зинда монӣ.

Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас макун аз оташи сӯзон ҳазар.

## Дарси сиюм

## Ҳарфи *ғайн*

Ҳарфи *ғайн* овози «ғ»-ро ифода менамояд. Он мисли ҳарфи *айн* буда, бо як нуқта аз он фарқ мекунад ва муттасилаи чаҳоршакла мебошад:

| Дар алоҳидагӣ | Дар охир | Дар мобайн | Дар аввал |
|---|---|---|---|
| غ | ـغ | ـغـ | غـ |

## Мисолҳо:

| | | | |
|---|---|---|---|
| мағлуб | مَغلوب | ғор | غار |
| теғ | تیغ | ғоз | غاز |
| болиғ | بالِغ | ғолиб | غالِب |
| боғ | باغ | ғалаба | غَلَبه |
| чароғ | چَراغ | ғалат | غَلَط |
| мурғ | مُرغ | мағз | مَغز |
| доғ | داغ | шағол | شَغال |
| дурӯғ | دُروغ | нағз | نَغز |

Бо ҳарфи *ғайн* мисолҳо нависед.

Мисолҳои зерро хонед ва нависед:

شَغال مُرغ را رَبود. دانِش چَراغِ عَقل اَست.

غالِب عالِم را دَر شاهمات مَغلوب کَرد.

چون تیغ به دَست آری، مَردُم نَتَوان کُشت،

نَزدیکِ خُداوَند بَدی نیست فَرامُشت.

Мисолҳоро ба алифбои ниёгон баргардонед:

Ғолиб Зафарро мағлуб кард. Бодом ду мағз дорад. *Дурӯғ* бефурӯғ аст. *Дурӯғ* бақо надорад. Ғоратгар ғалат кард. Ғарбро аз шарқ фарқ намекунад. Ғубори ғурбат аз дил баровард.

## Дарси сиву якум

## Такрор

Диктант ва баррасии он.

Машқҳо барои такрор.

***Калимаҳои зеринро ба алифбои ниёгон баргардонед. Ба он диққат диҳед, ки садонокҳои аввали калимаҳо чӣ тавр навишта мешаванд:***

1) озод, олим, обод, офтоб, озар. ошиқ, ориф, олам, озор;
2) агар, асос, асал, амал, ангур, асад, адл, араб, азиз, афсӯс, аҷам;
3) инсон, ирфон, ихлос, имкон, ишқ, илм, ибодат, ифтихор;
4) умр, Умар, устод, умед, уштур, урён.

## Дарсҳои сиву дуввум ва сиву севвум

# Тартиби алифбои арабиасоси тоҷикӣ (алифбои ниёгон)

| № | Шаклҳо | Ифодаи овозӣ | Номи ҳарф | № |
|---|---|---|---|---|
| ۱ | ا، آ | о,а,и,у,э | алиф | 1 |
| ۲ | ب، بـ | б | бе | 2 |
| ۳ | پ، پـ | п | пе | 3 |
| ۴ | ت، تـ | т | те | 4 |
| ۵ | ث، ثـ | с | се | 5 |
| ۶ | ج، جـ | ҷ | ҷим | 6 |
| ۷ | چ، چـ | ч | че | 7 |
| ۸ | ح، حـ | ҳ | ҳои ҳуттӣ | 8 |
| ۹ | خ، خـ | х | хе | 9 |
| ۱۰ | د | д | дол | 10 |
| ۱۱ | ذ | з | зол | 11 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ۱۲ | ر | р | ре | 12 |
| ۱۳ | ز | з | зе | 13 |
| ۱۴ | ژ | ж | же | 14 |
| ۱۵ | س، ﺳ | с | син | 15 |
| ۱۶ | ش، ﺷ | ш | шин | 16 |
| ۱۷ | ص، ﺻ | с | сод | 17 |
| ۱۸ | ض، ﺿ | з | зод | 18 |
| ۱۹ | ط | т | то (иткӣ) | 19 |
| ۲۰ | ظ | з | зо (изғӣ) | 20 |
| ۲۱ | ع، ﻋ، ﻌ، ﻊ | ъ,а,и,у,е | айн | 21 |
| ۲۲ | غ، ﻏ، ﻐ، ﻎ | ғ | ғайн | 22 |
| ۲۳ | ف، ﻓ | ф | фе | 23 |
| ۲۴ | ق، ﻗ | қ | қоф | 24 |
| ۲۵ | ک، ﮐ | к | коф | 25 |
| ۲۶ | گ، ﮔ | г | гоф | 26 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ۲۷ | ل، ﻟ | л | лом | 27 |
| ۲۸ | م، ﻣ | м | мим | 28 |
| ۲۹ | ن، ﻧ | н | нун | 29 |
| ۳۰ | و | в,у,ӯ,ва | вов | 30 |
| ۳۱ | ه، ﻫ، ﻬ، ﻪ | ҳ,а,и,е | ҳои ҳавваз | 31 |
| ۳۲ | ی، ﻳ | й,и,ӣ,э (е),о | йо | 32 |

**Саволҳо:**

1. Дар алифбои ниёгон барои ифодаи овози "з" чанд харф ҳаст?
2. Кадом ҳарфҳо овози "с"-ро ифода мекунанд?
3. Барои ифодаи овозҳои "т" ва "ҳ" кадом ҳарфҳо истифода мешаванд?
4. Ҳарфи "йо" кадом овозҳоро ифода мекунад?
5. Ҳарфҳои "алиф" ва "вов" чӣ?

**Ҳарфҳои алифборо бо тартибашон азёд кунед.**

# Дарси сиву чорум

## Такрор

Хонед, ба дафтар нависед ва азёд кунед:

خِرَد مایهٔ جاوِدانی بُوَد،
خِرَد مایهٔ زِندگانی بُوَد.

(فِردَوسی)

*******

چو دانا تُرا دُشمَنِ جان بُوَد،
بِه اَز دوست مَردی که نادان بُوَد.

(فِردَوسی)

*******

بِکوشید و خوبی به کار آوَرید،
چو دیدید سَرما، بَهار آوَرید.

(فِردَوسی)

*******

لُقمان را گُفتَند: اَدَب اَز کهِ آموختی؟
گُفت: اَز بی اَدَبان که هَر چه اَز ایشان

دَر نَظَرَم ناپِسَند آمَد، اَز فِعلِ آن پَرهیز کَردَم.

(سَعدی)

*******

ای بَرادَر، گَر خِرَد داری تَمام،
نَرم و شیرین گوی با مَردُم کَلام.

(عَطّار)

*******

قیمَتِ مَرد نه اَز سیم و زَر اَست،
قیمَتِ مَرد به قَدرِ هُنَر اَست.

(جامی)

*******

سُخَن زَهرو پازَهرو گَرم اَست و سَرد،
سُخَن تَلخ و شیرین و دَرمان و دَرد.

(اَبو شَکورِ بَلخی)

*******

## Замима

# "Иди алифбо"

**Устодони гиромӣ, шогирдони азиз!**

Ҳар яки Шумо, албатта, лаҳзаҳои гуворову хотирнишини "Иди Алифбо"-ро аз синфи якум нағз дар хотир доред. Дар ҳақиқат низ, хатми китоби "Алифбо" барои навниҳолони боғи дониш ид аст, иди бошукӯҳ, иди сарфарозӣ аз барору комёбиҳо.

Ба андешаи мо, ташкили чунин чорабиниҳо пас аз хатми "Алифбои ниёгон" низ барои афзун намудани шавқу ҳаваси шогирдон ба омӯзиш ва такмили дониш аз аҳамият холӣ нест. Устодон барои шавқовартар намудани ин ид метавонанд аз роҳу усулҳои гуногун, ташкили бозиҳо ва гузаронидани озмунҳо истифода намоянд. Мо ба тариқи намуна тасвири шаклҳои ҳуруфи алифбои ниёгонро дар танзими шоира Меҳринисо манзури шумо месозем ва умедворем, ки истифодаи он барои рангину ширин сохтани "Иди алифбо" ба шумо кӯмаки амалӣ мерасонад.

## Ҳарфи ا

Хатти росте гар нависӣ рӯйи хат,
Пас *алиф* мехонӣ онро беғалат.

## Ҳарфи ب

Қоиқе рӯйи хату ҳам нуқтае поёни он,
Ҳарфи *бе* мебошад, инро ту бидон.

## Ҳарфи پ

Зам намой ду нуқат бар ҳарфи *бе,*
Мешавад ҳарфи дигар бо номи *пе.*

## Ҳарфи ت

Ду нуқат болои қоиқ зам намо,
Ҳарфи *те* бихонаш онро беибо.

## Ҳарфи ث

Ҳарфи *те*-ро нуқтае гар зам кунӣ,
*Сеи солис* рӯйи гул шабнам кунӣ.

## Ҳарфи ج

Ҳамчу зулфи ёр бошад ҳарфи пурасрори *ҷим,*
Нуқтае андар бағал дорад ин маҳтоби ним.

## Ҳарфи چ

Ҳарфи *ҷим* – ро ду нуқат ояд падид,
Аз *че*-и аҳди ниё орад навид.

Ҳарфи ح

Нӯти пайкон, нимаи моҳи мунир,
*Ҳои ҳуттӣ*-и араб хонад дабир.

Ҳарфи خ

Нуқтае бигзоштанд болои *ҳе,*
Пас варо хонданд арабҳо ҳарфи *хе.*

Ҳарфи د

Чун *алиф* –ро қомати зебо хамид,
*Дол* омад дар миёну орамид.

Ҳарфи ذ

*Дол* –ро ҳам нуқтае биншаст ба сар,
*Зол* омад чун рафиқи ҳамсафар.

Ҳарфи ر

Зери хат хатти каҷе чун зулфи каҷ,
Ҳарфи *ре* омад падид бехарҷу марҷ.

Ҳарфи ز

Ҳарфи *зе*– ро чун арабҳо сохтанд,
Рӯйи *ре* як нуқтае бигзоштанд.

Ҳарфи ژ

Ҳарфи *зе* –ро ду нуқат афзуда пас,
Дод Эрон ҳарфи *же* –ро низ нафас

## Ҳарфи س

Рӯйи хат се дандон, зераш нима нон,
Ҳарфи *син* аст аз араб бар мо нишон.

## Ҳарфи ش

Се нуқат болои *син* афрохтанд,
Аҳли эҷоди араб *шин* сохтанд.

## Ҳарфи ص

Тухми қумрӣ рӯйи хатту зери он ҳам ними нон,
Ҳарфи *сод* гӯянд арабҳо, ту ба осонӣ бихон.

## Ҳарфи ض

*Сод* ҳам холе ба боло хостӣ,
*Зод* –ро осон ба дом андохтӣ

## Ҳарфи ط

Тухми мурғе рӯйи хатту як алиф паҳлӯи чап,
*Тои итқӣ* хондаанд онро ҳама аҳли араб.

## Ҳарфи ظ

*Итқӣ*- ро то холи ҳинду соз шуд,
*Изгии* аҳли араб анбоз шуд.

## Ҳарфи ع

Рӯйи раҳ аждар даҳонаш боз кард,
*Нун* - и сарсон *айн* –ро овоз кард.

## Ҳарфи غ

*Ғайн* –ро аз ҷавҳари *айн* сохтанд,
Нуктае чун тоҷи сар бигзоштанд.

## Ҳарфи ف

Чашми мору домону холи сиёҳ,
*Фе-* и фотеҳ омадӣ андар нигоҳ.

## Ҳарфи ق

Нуқтае *фе* –ро ба сар афзун намуд,
*Қоф* худро аз ниҳон берун намуд,

## Ҳарфи ک

Одамӣ гаҳ бар ману мо мекашад,
*Коф* домони *алиф, бо* мекашад.

## Ҳарфи گ

*Коф* бо зами хате орост хеш,
*Гоф-* ро овард аз ҷамъи париш.

## Ҳарфи ل

Нимаи моҳ бо *алиф* шуд ҳамқадам,
*Лом* шукри хеш гуфтӣ дам ба дам.

## Ҳарфи م

Чашми сар то бар *алиф* омад падид,
*Мим* пояшро ба зери хат кашид.

## Ҳарфи ن

Нимамоҳ биншаст, ахтар дар бағал,
Ҳарфи *нун* эҷод гардид бо чадал.

## Ҳарфи و

Чашми мор бо зулфи печон хӯ гирифт,
*Вов* ҳам дар васл обрӯ гирифт.

## Ҳарфи ه

Қатрае аз чашми дил уфтод, пас,
*Ҳои ҳавваз* мар варо фарёдрас.

## Ҳарфи ی

*Дол* –и чаппа домани *нун*- ро гирифт,
*Йо* биёмад, дар алифбо ҷо гирифт.

***Намуна:*** Мутобиқ ба номҳо ҳарфҳо як ба як ба хонандаҳо дода мешаванд. Масалан, Фирӯз соҳиби ҳарфи *фе* мебошад. Ӯ ба майдон ё саҳна баромада, байти оид ба *фе*–ро мехонад. Баъдан, ҳарфҳои *йо, ре, вов* ва *зе* ба тартиб бо хондани байт паҳлӯи *фе* қарор мегиранд, ки дар натиҷа Фирӯз ҳосил мегардад. Ҳамин тавр, ин амалиёт вобаста ба ҳар ном иҷро карда мешавад.

Муаллим вобаста ба имконияту лаёқати худ метавонад, ки дигар шаклҳои бозии алифборо ташкил намояд.

# МУНДАРИҶА مندرجه


Дарси якум. Муқаддима........................................................5
Дарси дуввум. Муҳимтарин хусусиятҳои алифбо............8
Дарси сеюм. Унсурҳои ҳарфсоз..........................................11
Дарси чорум. Ҳарфҳои мунфасила....................................13
Дарси панҷум. Ҳарфи "алиф"...............................................16
Дарси шашум. Ҳарфи "вов"..................................................18
Дарси ҳафтум. Такрор............................................................21
Дарси ҳаштум. Ҳарфҳои "бе" ва "пе"...............................22
Дарси нӯҳум. Ҳарфҳои "те" ва "се"....................................26
Дарси даҳум. Ҳарфи "нун"....................................................28
Дарси ёздаҳум. Ҳарфи "йо"..................................................31
Дарси дувоздаҳум. Идомаи мавзӯи ҳарфи "йо".............34
Дарси сездаҳум. Такрор..........................................................36
Дарси чордаҳум. Ҳарфҳои "син" ва "шин".......................36
Дарси понздаҳум. Ҳарфи "лом"...........................................39
Дарси шонздаҳум. Ҳарфҳои "коф" ва "гоф"....................41
Дарси ҳабдаҳум. Диктант. Такрор......................................43
Дарси ҳаждаҳум. Ҳарфи "мим"...........................................44
Дарси нуздаҳум. Ҳарфҳои "фе" ва "қоф"........................46
Дарси бистум. Ҳарфи "ҳои ҳавваз"...................................48
Дарси бисту якум. Идомаи мавзӯи "ҳои ҳавваз"............50
Дарси бисту дуюм. Диктант. Такрор.................................53
Дарси бисту сеюм. Ҳарфҳои "ҳои ҳуттӣ" ва "хе"...........54
Дарси бисту чорум. Ҳарфҳои "ҷим" ва "че"...................57
Дарси бисту панҷум. Ҳарфҳои "сод" ва "зод"................59
Дарси бисту шашум. Ҳарфҳои "то" ва "зо"....................61
Дарси бисту ҳафтум. Диктант. Такрор.............................63
Дарси бисту ҳаштум. Ҳарфи "айн"....................................65
Дарси бисту нуҳум. Идомаи мавзӯи ҳарфи "айн"..........67
Дарси сиюм. Ҳарфи "ғайн"..................................................69
Дарси сиву якум. Диктант. Такрор....................................71
Дарсҳои сиву дуввум ва сиву севвум. Тартиби алифбои арабиасоси тоҷикӣ........................................................72
Дарси сиву чорум. Такрор. Санҷиш...................................75
Замима. "Иди алифбо"..........................................................77

**وزارت معارف جمهوری تاجیکستان**

**از مقام محترم وزارت آموزش و پرورش جمهوری اسلامی ایران، سازمان پژوهش و برنامه‌ریزی آموزشی، اداره کل چاپ و توزیع کتابهای درسی ایران، سفارت ج.ا.ایران در تاجیکستان و رایزنی فرهنگی ج.ا.ایران برای مساعدت در تهیه و نشراین کتاب سپاسگزار است.**


عنوان کتاب:............. الفبای نیاگان

مؤلفان: ................. کبیراف شهباز، بیضایف عظیم

آماده‌سازی برای چاپ: ... حمید ثابت

چاپ:................ شرکت افست «سهامی عام»

سال نشر: ...............۲۰۰۶

تیراژ:...................۱۴۰۰۰۰ نسخه

## СУРУДИ МИЛЛИИ
## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шеъри Гулназар Келдӣ Оҳанги Сулаймон Юдаков*

***Диёри арҷманди мо,***
***Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,***
***Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.***
***Зи дурии замонаҳо расидаем,***
***Ба зери парчами ту саф кашидаем,***
***кашидаем,***
***Зинда бош, эй Ватан,***
***Тоҷикистони озоди ман!***

***Барои нангу номи мо,***
***Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,***
***Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ.***
***Хазон намерасад ба навбаҳори ту,***
***Ки мазраи вафо бувад канори ту,***
***канори ту,***
***Зинда бош, эй Ватан,***
***Тоҷикистони озоди ман!***

***Ту модарӣ, ягонаӣ,***
***Бақои ту бувад бақои хонадони мо,***
***Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо.***
***Зи ту саодати абад насиби мост,***
***Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,***
***ҳабиби мост.***
***Зинда бош, эй Ватан,***
***Тоҷикистони озоди ман!***